Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои Мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №130 (4870) | ҶУМЪА, 1 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

31-уми октябри соли 2024 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлиси Ҳукумати кишвар нахуст натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2024 ва вазифаҳо то охири соли 2024 баррасӣ шуданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодиро дар нуҳ моҳи соли 2024 ҳамаҷониба таҳлил намуда, барои ислоҳи камбудиҳо дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ суръати рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 8,4 фоиз таъмин гардид. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ беш аз 15 фоиз, кишоварзӣ - зиёда аз 11, хизматрасонии пулакӣ -16, боркашонӣ -15, мусофиркашонӣ ва гардиши савдо -12 ва маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 7 фоиз афзоиш ёфта, сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои мақсаднок 3 фоизро ташкил намуд.

ва рақамикунонии пешниҳоди хизматрасониҳо диққати аввалиндараҷа дода, самаранок ба роҳ мондани фаъолияти Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро талаб намуданд.

баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 11,4 фоиз зиёд мебошад, вале суръати рушди истеҳсоли баъзе маҳсулоти соҳа нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 паст гардидааст. Вобаста ба ин, дастур дода шуд, ки ба масъалаҳои сари вақт гузаронидани бахшанд ва сифати корҳои сохтмонро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Доир ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2024 ҳисоботи роҳбарони вазоратҳои дахлдор, инчунин, масъулони дигар мақомот шунида шуд.

роҷоти умумии буҷети давлатӣ барои соли 2025 дар ҳаҷми 51,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024-ум 7,5 миллиард сомонӣ ё 17 фоиз зиёд буда, ба 31,1 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли оянда баробар мебошад.

сомонӣ ва соли 2027 дар доираи 59,3 миллиард сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар давраи миёнамуҳлат, нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои соли 2025 ва дурнамои он барои солҳои 2026-2027 дар назди вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдори кишвар вазифаҳои мушаххас гузоштанд. Аз ҷумла, супориш дода шуд, ки барномаю нақшаҳои қабулнамудаи Ҳукумати мамлакат сари вақт, пурра ва сифатнок таъмин карда шуда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва татбиқи вазифаҳои муҳими давлатӣ иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2025-2027 таъмин гардад.

Баъди баррасӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027» қабул карда шуд.

Сипас, дар маҷлиси Ҳукумати кишвар лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани

МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бо вуҷуди натиҷаҳои зикршуда ҳанӯз як қатор камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки аз Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро талаб менамоянд.

Супориш дода шуд, ки тавассути татбиқи самараноки барномаю нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди кишвар дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад. Таъкид гардид, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ нақшаи даромади буҷети давлатӣ 105,4 фоиз иҷро гардида, ба буҷет, дар маҷмӯъ, 33,3 миллиард сомонӣ ворид шудааст.

Роҳбари давлат иброз доштанд, ки дар кишвар дар 9 моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 334 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 58 фоиз зиёд мебошад.

Вазорату идораҳои марбута аз Пешвои миллат дастур гирифтанд, ки барои ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлил ба масъалаи вусъат додани раванди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ

Барои татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар супориш дода шуд, ки масъулини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъмини фаъолияти мунтазами корхонаҳои истеҳсолии амалкунанда, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ҳалли мушкилоти корхонаву коргоҳҳои аз фаъолият бозмонда, бартарафсозии монеаҳои сунъию маъмурӣ ва фароҳамсозии шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Ба андешаи Роҳбари давлат дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар соҳаи энергетика паст кардани сатҳи талафоти неруи барқ ва ҷамъоварии маблағи истифодаи он ҳамчун мушкилоти ҳалталаб боқӣ мондааст.

Супориш дода шуд, ки татбиқи сариваҚтию босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар таъмин гардида, дар самти ҷорӣ намудани низоми биллингӣ ва баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ, ҷамъоварии сариваҚтии маблағ аз аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо тадбирҳои муассир амалӣ карда шаванд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи кишоварзӣ таъкид гардид, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар ба 52,3 миллиард сомонӣ

кишти тирамоҳии ғалладонагиҳо ва сабзавоти барвақтӣ, иҷрои дурнамои кишти зироатҳо, риояи ҳатмии меъёрҳои агротехникии захираи тухмиҳо ва таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии баландсифат, инчунин, рушди минбаъдаи соҳаи парандапарварӣ эътибори аввалиндараҷа дода шаванд.

Роҳбари давлат барои бартараф намудани камбудию норасоиҳо ва дигар масъалаҳои ҳалталаби соҳаҳои иҷтимоии кишвар ба вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода, аз масъулин талаб карданд, ки иҷрои қатъии онҳоро таъмин намоянд. Ба вазорату идораҳои дахлдор барои таҚвияти бахшидани фаъолияти намояндагӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷи кишвар, вусъат додани ҳамкории байналмилалӣ ва гуногунсамтии муҳоҷират супоришҳои дахлдор дода шуданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба намояндагони ба шаҳру ноҳияҳо вобаста-шудаи Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш доданд, ки назоратро барои вусъат додани бунёду таҷдиди иншооти банакҳагирифташуда суръат

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027 баррасӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда бо мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар самти таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои манфии берунӣ ба он, тараққиёти соҳаҳои воҚеӣ ва инфрасохторӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия гардидааст.

Таъкид шуд, ки даромади умумии буҷети давлатӣ барои соли 2025 дар ҳаҷми 49,5 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблаҳи 6,6 миллиард сомонӣ ё 15,4 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар соли 2025-ум 29,9 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Даромади ҷории буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 35,5 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба буҷети соли 2024 ба маблаҳи 6,5 миллиард сомонӣ ё 22,5 фоиз зиёд ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлат иброз доштанд, ки ха-

Тавре таъкид гардид, таъмин намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони кишвар дар сиёсати молиявии Ҳукумати кишвар самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

«Дар буҷети давлатӣ барои соли оянда барои маблаҳгузории соҳаҳои иҷтимоӣ 23,9 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки 46,3 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет ё 14,4 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад», - иброз доштанд Роҳбари давлат.

Гуфта шуд, ки дар соли 2025 барои рушди соҳаҳои воҚеии иқтисодиёти кишвар пешбинӣ шудааст, ки аз буҷети давлатӣ 15,2 миллиард сомонӣ равона карда шавад.

Дар робита ба дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027 таъкид гардид, ки дурнамои нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026 - 2027 давомаи мантиқии лоиҳаи буҷети соли 2025 мебошанд.

Даромади умумии буҷети давлатӣ барои соли 2026 дар ҳаҷми 53,4 миллиард сомонӣ ва дар соли 2027-ум 57,6 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соли 2026 ба маблаҳи 54,9 миллиард

илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» муҳокима ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Масъалаҳо дар бораи «Барномаи миёнамуҳлати солҳои 2024-2026», «Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2024-2026», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» баррасӣ шуда, қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар фароварди маҷлис Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо супориш доданд, ки корҳоро барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани зимистон дар ҳамаи соҳаҳо, бахусус муассисаҳои иҷтимоӣ, ҷоннок намоянд.

Дастуру супоришҳо, ҳамчунин, барои захираи кофии маводи хӯрокворӣ, сӯзишворӣ ва вусъати корҳои созандагӣ ба истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуданд.

www.prezident.tj

Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

БАРОИ ВАЙРОН НАМУДАНИ НИЗОМИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ҶАВОБГАРӢ ПУРЗӮР КАРДА ШУД

Сиюми октябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.

РАИС: - Вакилони арҷманд!

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 52 вакил ҳузур доранд. Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини фармондеҳи қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ Тӯрабек Назарзода, муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбар Насимзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!

Ба рӯзномаи ҷаласа 3 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо»

3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ».

РАИС: - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини фармондеҳи қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ Тӯрабек Назарзода дода мешавад. Марҳамат.

Тӯрабек НАЗАРЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур тағйиротро ба моддаи 498 - «Риоя накардани низоми Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ кардааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки аз моҳи январи соли 2022 то моҳи январи соли 2024 дар ҳудуди ҷумҳурӣ оид ба вайрон намудани низоми сарҳади давлатӣ аз тарафи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 233 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нисбат ба 8 нафар шаҳрвандони хориҷӣ ҷазоҳои маъмурӣ татбиқ карда шудааст. Бинобар ин, пешниҳод шудааст, ки дар қисмҳои 1 ва 2-юми санксияи моддаи 498-и

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шавад. Инчунин, санксияҳои моддаи 498-и лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз сӣ то панҷоҳ» ба калимаҳои «аз панҷоҳ то ҳафтод» иваз карда мешаванд;

- дар санксияи қисми 2-и лоиҳаи қонуни мазкур калимаҳои «аз панҷоҳ то ҳафтод» ба калимаҳои «аз сад то яксаду панҷоҳ» иваз карда мешаванд.

Мақсад аз ворид намудани тағйирот пешгирӣ ва паст намудани хавфҳои содиршавии ҷиноят ва сар задани он дар низоми Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 2)

ИТТИЛОИЯ

ДАР БОРАИ ИҶЛОСИЯИ НУЗДАҲУМИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТИ ШАШУМ

Иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 5 ноябри соли 2024, соати 10-00, дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 ноябри соли 2024 аз соати 09-00 то соати 17-00 ва 5 ноябри соли 2024 аз соати 08-00 то 09-30 дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

Телефонҳо: 221-98-35, 223-19-48.

Расидан ба марҳилаи Истиқлоли давлатӣ зиндагии ҷомеаи тоҷикро тағйир дода, роҳи пешрафту тараққиро аз ҳар ҷиҳат ҳамвор сохт. Мусаллам аст, ки тайи таърихи башарӣ ҷомеа, мардум ва кишварҳои зиёди ҷаҳон сари исми истиқлоли давлатӣ савганди садоқат ба ҷо оварда, дар ин масири саодатбахш ва руҳафзо фидокориҳо кардаанд. Истиқлоли давлатӣ ба унвони ормони таърихӣ, сиёсӣ ва миллӣ сарнавишти миллатро дар замон ва макони мушаххаси таърихӣ рақам зада, ҷомеаро ба сӯйи рушду инкишоф ҳидоят менамояд. Маҳз, марҳилаи истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам меоварад, ки миллат шикасту рехт, бурду бохт, муваффақияту нокомӣ ва билохира, қисмати худро дар тарозуи ақлу виҷдон баркашад ва барои сохтмони давлати навин гомҳои устувор бардорад.

Маълум аст, ки ба шарофати Истиқлоли давлатӣ мо соҳиби рамзҳои давлатӣ - Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Конституцсия гардида, Ватани азизамон аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф шуд. Зимнан, Истиқлоли давлатӣ раванди ҳувияткозии миллиро таҳкиму тақвият бахшида, барои густариш пайдо кардани ваҳдати тамоми сокинони қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам овард. Насли миёнсол ва солманди Тоҷикистони азиз хуб дар ёд доранд, ки Истиқлоли давлатии мо ҳанӯз дар бомдоди тавлид ба зарбаи ҷонкоҳу ҳалокатбор - ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мувоҷеҳ гардид, ки кишварҳои дигари тоза истиқлол бадастовардаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар он айём ба чунин вазъи душвору фоҷиабор гирифтор нашуда буданд.

КОНСТИТУТСИЯ - ТАҶАССУМГАРИ ҲАМФИКРИИ МИЛЛӢ

Бояд таъкид кард, ки ҳанӯз дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олӣ роҳи таърихии миллати тоҷик муайян гардид, ки он бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад. Ғояи давлати демократӣ баъдан дар Конституцсия инъикос гардида, давлати мо роҳи татбиқи арзишҳои демократиро пеш гирифт. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумати нави дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ интихобшуда хомӯш кардани оташи ҷанг, таъмин намудани сулҳу оромӣ дар кишвар, оғози татбиқи барномаи барқарорсозии баъдиҷангӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва бо манзили зист таъмин намудани онҳо буд ва раҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки ин сарҳадафи стратегиро бомуваффақият амалӣ созад.

Қабули Конституцсия рамзи соҳибистиқлолӣ ва мустақилияти давлат буда, давлатро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад. Раванди қонунофарӣ ва тасвиби Конституцсия ба унвони сарчашмаи ҳуқуқ марҳилаҳои гуногуни рушдро паси сар кардааст. Муҳаққиқони ҳуқуқшинос бар ин назаранд, ки давраи муосири рушди раванди қонунофарӣ ва конституцсионӣ аз охири солҳои 80-уми садаи XX шурӯъ шуда, то имрӯз идома ёфта истодааст. Оғози ин давра асосан бо аз байн рафтани давлати шуравӣ ва пошхӯрии ҷумҳуриҳои ҳориҷии сотсиалистӣ вобастагӣ дорад. Баъди барҳам хӯрдани давлати шуравӣ собиқ 15 ҷумҳурии иттифоқӣ истиқлолияти худро эълом дошта, ҳамчун давлатҳои мустақил аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардиданд. Дар баробари ин, ҷумҳуриҳои ҳориҷии сотсиалистӣ (ба истиснои Чин, Куба, Кореяи Шимолӣ ва Ветнам) барҳам хӯрда, аз ин низом даст кашиданд. Баъди интихоб намудани роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ онҳо конституцсияҳои нави худро дар асоси модули конституцсионии Ғарб қабул намуданд. Ба ин тартиб, аз 15 ҷумҳурии собиқи шуравӣ моҳи декабри соли 1991 танҳо 12 ҷумҳурӣ шакли нави ҳамкориро дар қолаби иттиҳоди ҷадиди сиёсӣ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пазируфтанд. Феҳлан аъзои ИДМ нуҳ ҷумҳурии собиқ шуравӣ мебошанд. Баъди эълом доштани истиқлоли давлатӣ дар ин ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ масъалаи таҳия ва тасвиби конституцсия ба миён омад. Ҷумҳуриҳои назди Балтика - Латвия, Литва ва Эстония ҳанӯз соли 1992 конституцсияҳои худро қабул намуданд. Дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ аз соли 1992 то соли 1996 конституцсияҳои худро қабул карданд.

Ба ин тартиб, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди як дараҷа хомӯш шудани оташи ҷанги шаҳрвандӣ масъалаи аз нав омода кардани loиҳаи нави Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйир додани ҳайати Комиссияи конституцсионӣ дар Иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 1993 матраҳ гардида, бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати Комиссияи конституцсионӣ дар ин иҷлосия тағйир дода шуд ва Раиси Комиссияи конституцсионӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардиданд. Аввалин маҷлиси Комиссияи конституцсионӣ 4 сентябри соли 1993 баргузор гардид, ки дар он ду гурӯҳи корӣ нав ташкил дода шуд. Моҳи апрели соли 1994 гурӯҳи корӣ ду loиҳаи Конституцсияро - яке loиҳаи Конституцсия бо шакли идоракунии президентӣ ва дигаре бо шакли идоракунии парлумонӣ ба Комиссияи конституцсионӣ пешниҳод намуд. Дар натиҷа, loиҳаи Конституцсия бо шакли идоракунии президентӣ маъқул дониста шуд. Бо қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон loиҳаи Конституцсия ба баррасии умумихалқӣ пешниҳод шуд. Ҳамин тариқ, loиҳаи Конституцсия 21-22 апрели соли 1994 дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои расмӣ интишор ва муҳокимаи он то моҳи июли соли 1994 идома ёфт. Дар Иҷлосияи нуздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21-22 июли соли 1994 доир шуд, loиҳаи Конституцсия бо пешниҳоду таклифҳо муҳокима гардида, барои қабули он тариқи раъйпурсӣ дар таърихи 25 сентябр қарори дахлдор ба тасвиб расид. Баъдан, бо қарори Иҷлосияи бистуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 1994 муҳлати гузаронидани раъйпурсӣ то 6 ноябри соли 1994 тамдид карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки мардуми шарифи Тоҷикистон, ки барои хомӯш шудани оташи ҷанги хонумонсӯзи ҳамватанӣ дар паҳлуи раҳбарияти олии давлат қарор доштанд, дар таъини сарнавишти минбаъдаи давлат тавассути қабули Конституцсияи миллӣ саҳми сазовор гузоштанд. Ин буд, ки 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ барои қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 94,4 дарсади шаҳрвандони ҷумҳурӣ ширкат варзида, 87,59 дарсади онҳо ба тарафдории қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз доданд. Аз он ба баъд 6 ноябри соли 1994 ҳамчун Рӯзи қабули Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуда, дар феҳристи ҷашнҳои давлатӣ ворид гардид.

Тавре ишора шуд, халқи тоҷик иродаи худро ба таври расмӣ тавассути Конституцсия соли 1994 баён дошт. Гузашта аз ин, дар таҳияи Конституцсия таҷрибаи қонунсозӣ ва санадофарии давлатҳои тараққикарда ва мутамаддини ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин аст, ки Конституцсияи давлати нави Тоҷикистон баёнгари тафоҳуми миллӣ ва ҳамбастагии мардумӣ буда, ҳамин шеваи демократӣ дар раванди тағйиру иловаҳо ба қонуни асосии кишвар то имрӯз пайгирӣ шудааст. Ин ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи сохтмони давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои устувор бардошта истодааст, ба мазмуну муҳтавои Конституцсияи кишвар вобастагӣ дорад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

БАРОИ ВАЙРОН НАМУДАНИ НИЗОМИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ ҶАВОБГАРӢ ПУРЗӮР КАРДА ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

Тибқи бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсиони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, комитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва

деҳот ва loиҳаҳои онҳо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, таҳти №355, тасдиқ шудааст, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсиони loиҳаҳои зикршуда гузаронида шуда, дар онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардид.

Loиҳаи қонуни зикршуда ба Конституцсия ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, пас аз қабул гардидани он зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён наоварда, ҳамзамон, аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули loиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

РАИС: - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Баҳриддин Зиёӣ дода мешавад. Марҳамат.

Баҳриддин ЗИЁӢ:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ ба талаботи моддаи 58 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Loиҳаи қонуни мазкур бо мақсади пешгирӣ ва паст намудани хавфҳои содиршавии ҷиноят дар низоми сарҳади давлатӣ таҳия гардидааст.

Тибқи loиҳаи қонуни мазкур дар санксияи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 498 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани низоми Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маъмурӣ нисбат ба меъёрҳои амалкунанда пурзӯр карда мешавад.

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 2024, таҳти №2342, барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ирсол гардида буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон loиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, аксарият онро ҷонибдорӣ намуданд. Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба моддаи 7 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо-вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки loиҳаи қонуни зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Loиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Оид ба loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбар Насимзода дода мешавад. Марҳамат.

Акбар НАСИМЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба баррасии Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шудааст.

Мақсади таҳияи loиҳаи қонуни мазкур муайян намудани асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (минбаъд - ҳуқуқвайронкуниҳо), инчунин, ваколат ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар ин самт мебошад.

Тибқи сархати якуми моддаи 1 зери мафҳуми бақайдгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ, ба ҳуқуқвайронкуниҳо додани рақами бақайдгирӣ ва сабт намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо фаҳмида мешавад. Инчунин, зери мафҳуми баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба махзани ягонаи давлатии маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ворид намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудаанд, фаҳмида мешавад.

Субъектҳои низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд.

Тибқи моддаи 8 loиҳаи қонуни мазкур ҳуқуқвайронкуниҳои зерин ба қайд ва ба ҳисоб гирифта мешаванд:

1. Ҷиноятҳое, ки нисбат ба онҳо қарорҳо дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва ҳафтуми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 28-32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд;

2. Ҷиноятҳое, ки нисбат ба онҳо қарорҳо дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва (ё) қарорҳои дигари мурофиавӣ оид ба пешбурди парванда аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва судҳо қабул карда шудаанд;

3. Ҷиноятҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки тибқи онҳо ҳукми айбдоркунии суд қабул карда шуда, эътибори қонунӣ пайдо кардааст;

4. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки нисбати онҳо қарорҳо дар бораи татбиқи ҷазои маъмурӣ қабул гардидаанд;

5. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки барои такроран содиршавӣ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд.

Вазифаи асосии низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, истифода, ҳифзи маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешниҳоди маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо иборат мебошад.

Тибқи loиҳаи қонуни мазкур Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини фаъолияти низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо муайян карда шудааст.

Мақсад аз таҳияи loиҳаи қонуни мазкур танзими муносибатҳо дар сатҳи қонунгузорӣ вобаста ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳия гардидани loиҳаи қонуни мазкур тақозои замон буда, ба танзими қонунгузории фаъолияти мақомоти ваколатдор равона мегардад.

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад.

Маблағгузории хароҷот вобаста ба бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин, фиристодан ва пешниҳод намудани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ба мақоми ваколатдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва сарчашмаҳои дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манънагардида анҷом дода мешавад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабули loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо»-ро ҷонибдорӣ намоед.

РАИС: - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

Мавлудахон МИРЗОЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» бо мақсади ба низом даровардани қоидаҳои низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Loиҳаи қонуни зикршуда аз 6 боб ва 15 модда иборат буда, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо, қоидаҳои бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, инчунин, ваколат ва вазифаҳои мақомоти давлатиро дар ин самт муқаррар менамояд.

Бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиатҳои қонунии онҳо тибқи loиҳаи қонуни мазкур асосҳо ва сабабҳои ба қайд ва ба ҳисоб гирифтани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ муқаррар гардида, тартиб ва муҳлатҳои амалӣ гардидани он, инчунин, пешниҳоди маълумот дар ин бора аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор)-и баррасикунандаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян карда мешаванд.

Дар рафти баррасии loиҳаи қонун аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон 29 таклиф пешниҳод гардид, ки аз онҳо 10 таклиф пурра ва 8 таклиф қисман қобили қабул ҳисобида шуданд. Дар асоси таклифҳои пешниҳодшуда тибқи талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин, бо назардошти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ меъёрҳои муқаддима, банди 5 моддаи 1, муқаррароти алоҳидаи қисми 2 моддаи 6, банди 2 моддаи 8, муқаррароти ҷудогонаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 9, қисми 2 моддаи 10, қисми 1 моддаи 11 loиҳаи қонун такмил дода шуд. Ҳамзамон, дар рафти баррасии loиҳаи қонуни мазкур пешниҳодҳои муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода баҳри такмили loиҳа ба назар гирифта шуданд.

Loиҳаи қонуни мазкур дар асоси қарори Шурои Маҷлиси намояндагон ва тибқи муқаррароти Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиёти марбутаро дар Маҷлиси намояндагон гузашта, ба талаботи моддаҳои 1, 10, 14 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Loиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст. Мутобиқи банди 335 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» яклухт ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Loиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ягонаи давлатии бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳо» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - Ба баррасии масъала «Дар бораи loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Парвиз Шодизода дода мешавад. Марҳамат.

Парвиз ШОДИЗОДА:

- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Дӯстмуродзода, Ф. Обидзода ва А. Гиёзода бо мақсади бартараф намудани номутобиқии меъёрҳо ва истифодаи дурусти истилоҳоти танзимкунандаи ҳуқуқӣ, мушаххас намудани механизмҳои татбиқи муқаррароти он таҳия ва пешниҳод шудааст.

Loиҳа бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд.

Барои ба танзим овардани меъёрҳо ва истифодаи дурусти истилоҳот дар қонуни амалкунанда дар сархатҳои ҳаштум ва чордаҳуми моддаи 1, моддаҳои 8, 9, 10, қисми 3 моддаи 13, қисмҳои 1 ва 4 моддаи 15, моддаи 27, қисми 3 моддаи 41, моддаи 42 калимаю сархатҳо иваз ва иловаҳо ворид карда шудаанд.

Loиҳаи қонун тамоми расмиёти дохилиро мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, дар мувофиқа бо субъекти

ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз 19 таклифи пешниҳодкардаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон 10 таклиф қабул, 3 таклиф қисман қабул шуда, 6 таклиф қабул нагардид.

Loиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалишавии он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

РАИС: - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Loиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.

Loиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.

РАИС: - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст?

Набошад, ба ҳамаи шумо барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

Шариф АТОБУЛЛОЕВ,
«Садои мардум».
Суратгир Неъматулло АЛИЕВ

КОНСТИТУТСИЯ - ТАҶАССУМГАРИ ҲАМФИКРИИ МИЛЛӢ

(Идома аз саҳ. 2)

Аз ин лиҳоз, бо қабули Конституцияи нав халқу давлати Тоҷикистон дар самти сохтмони давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ иқдоми ҷиддӣ бардошт ва иқдомоти минбаъдаи созандаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ, маданӣ ва ҳунарӣ давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ соҳибобрӯ сохт. Бо қабули ин санади калидӣ, ки бозгӯкунандаи сатҳи тамаддун ва фарҳанги давлатмадории миллӣ мебошад, Тоҷикистон ба доираи давлатҳои мутамаддини ҷаҳонӣ шомил гардид ва имрӯз ҳарфи роҳбарияти олии моро созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои қудратманди минтақавию ҷаҳонӣ эҳтиром мекунанд.

Ҳанӯз сӣ сол қабл (20 июли соли 1994) муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба ислоҳоти конституционӣ, тартиби қабул ва мавриди амал қарор додани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи XIX Шурои Олии Тоҷикистон таъкид карда буданд: «Лоиҳаи Конституцияи навро мардум қонуни сарнавишту тақдирсоз номидааст, ки ин асоси воқеӣ дорад. Конституцияи нави Тоҷикистон бояд ҳамчун ҳуҷҷати ифодакунандаи орзую ормон ва масъулияти шаҳрвандон, конституцияе, ки минбаъд ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият дар чорчӯбаи он сурат бигирад, барои насли имрӯзу ояндаи мо муқаддасу шариф аст». Муҳимтар аз ҳама, Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон конституцияи сифатан нав ва қабули он дар ҳаёти ҷумҳурӣ, ҳақиқатан, воқеаи таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ маҳсуб меёфт. Ин санади сарнавиштсоз бо роҳи демократӣ - аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона (унитарӣ) мустаҳкам менамояд. Дар он шакли идоракунӣ, сохтори давлатӣ ва режими сиёсӣ муайян карда шуда, давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистон эълом шудааст.

Яке аз вежагиҳои Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки он аввалин маротиба усули таҷзияи ҳокимиятро пешбинӣ карда, волоияти меъёрҳои қонуни асосӣ ва бартарии санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро муқаррар намудааст. Дар он аввалин маротиба сухан дар бораи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд меравад, ки барои конституцияҳои қаблии мо ин мафҳум бегона буд.

Дар бахши муқаддимотии Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи халқи ҷумҳурӣ чунин нукоти ҷолибе дарҷ гардидааст: «Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудоношавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конституцияро қабул ва эълон менамоем».

Тавассути моддаҳои Конституцияи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд таъин гардид ва озодии андеша тавассути воситаҳои ахбори омма сурат гирифта, сензура ва таъқиб барои танқид манъ шуд. Ба унвони мисол, аз моддаи 30 Конституция ёдовар мешавем: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Сензураи давлатӣ барои танқид манъ аст». Таъини меъёрҳои озодии виҷдон ва андеша (моддаи 26), ки аз муҳтавои Конституция бармеояд, роҳи сохтмони давлати дунявиро ҳамвор намуд. Маҳз давлате, ки бар пояи низоми давлатдории дунявӣ устувор аст, метавонад озодии виҷдон ва андешаро кафолат диҳад. Ин нуктаи меҳварии озодиҳои инсонро Конституция муқаррар кард ва аз ин тариқ барои ба вуҷуд омадани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва маданӣ дар мамлакат шароити мусоид фароҳам овард.

Ба таври куллӣ, бар асоси Конституцияи соли 1994 шароити мусоиди такмили қонунияти конституционӣ ва истеҳкоми пояҳои демократикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шуд. Ин санади олии ҳуқуқӣ раванди низоми давлатдории дунявиро дар ҷумҳурӣ таҳкиму тақвият бахшид. Ба ибораи дигар, Конституция гардиши куллиро дар ҳаёти сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, фикрӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд оварда, роҳҳои рушду тараққии минбаъдаи давлатдории муосири тоҷикро ҳамвор сохт.

Нозим НУРЗОДА,
ходими Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Солиёни зиёд дар мақомоти прокуратура кор кардан ва суҳбату вохӯриҳо бо одамони касбу кори гуногун бароям имкон фароҳам овард, ки таҷрибаи зиёд ҳосил гардад.

Суханронӣ ҳои Пешвои миллат дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ва дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар бароям равзанаи наве боз намуд.

Пеш аз ҳама, мехостам дар бораи эҳтиромӣ қонун чанд сухан бигӯям. Риояи қонун барои пешрафти давлат, сулҳу субот ва оромии ҷомеа имкон фароҳам меорад. Ин нукта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар (9 марти соли 2024) баён гардидааст:

«Тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмин намудани волоияти он, ба роҳ мондани усули ҳамкории самараноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мебошад».

Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали сари қудрат омаданашон тарбияи насли донишманду боистеъдодро вазифаи ҷомеа медонанд. Яъне, насли соҳибсавод метавонад дар асоси илм барои пойдории давлат ва неруманд гардидани он саҳмгузор бошад.

Агар мардум соҳибтаҳсилоту бомаърифат, ҳудшиносу ватандӯст бошанд, метавонанд дар ҳар гуна шароит арзишҳои миллӣ, муқаддасот ва давлати миллии худро муҳофизат кунанд.

Аз ин рӯ, Пешвои миллат пайваста мавзуи мазкурро ёдовар мешаванд: **«Борҳо таъкид кардаам ва такроран таъкид менамоям, ки мо бояд илму дониш омӯзем, забонҳои хориҷиро аз худ кунем, шогирд тарбия намоем, наврасону ҷавононамонро соҳибмаърифат ва соҳибкасбу соҳибҳунар гардонем, ки онҳо дар оянда муҳтоҷи дигарон нашаванд».**

Бо итминони комил гуфта метавонем, ки сиёсисозии дин барои авҷ гирифтани ифротгароӣ ва терроризм имконият фароҳам меорад. Ин таълимот онҳоро ба сӯи ифротгароӣ роҳнамоӣ кард. Магар бачаҳо дар ин кор гуноҳе доранд? Гунаҳкор мо будем: падару модарон, фаъолон, аҳли зиё! Мо сари вақт ба масъала дуруст сарфаҳм нарафтем ва пеши роҳи фиребгаронро нагирифтем.

Ташкилотҳое ҳастанд, ки барои ба доми худ кашидани ҷавонони бесавод ва аз ҳақиқат ноогоҳ ҳама корро мекунанд ва аз ин роҳ сарвати зиёд меғундоранд.

Пешвои миллат ин масъаларо низ дар суҳбаташон таъкид намуданд: **«Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари шахсони ба ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дастзада дар даврони наврасӣ ба таълими ғайриқонунии динӣ ҷалб гардидаанд ва аз таҳсил дар мактаби миёна дур мондаанд».**

Таҷриба нишон дод, ки бегонагон ва хоинони миллат наврасону ҷавононро на ба хотири худошиносӣ, балки барои дар оянда ҳамчун силоҳ истифода бурдан, бо мақсади амалӣ гардондани ҳадафҳои миллаткуши худ ба мактабҳои махсус ҷалб мекарданд.

Бадтарин рафтори инсон дар ҷомеа бетарафист. Насли калонсол шоҳиданд, ки солҳои навадуми асри XX бетарафии мардум боиси харобии мамлакат ва хунрезиҳои зиёд шуд. Агар сокинони мамлакат ҳамон солҳо ҳақиқатро дуруст сарфаҳм мерафтанд ва атрофи Ҳукумати кишвар сарҷамъ шуда, муқобили хоинон муборизе мебурданд, мушкилӣ байни чанд рӯз ҳал мешуд. Имрӯз ҳам баъзан бетарафии мардумро мушоҳида мекунем. Рафтори ношоистаи барҳе аз ҷавононро нодида мегиранд. Мо муваззаф ҳастем, ки ба хотири миллату давлати худ ҳамеша ҳушёру бедор бошем. Дар муқобили зуҳуроти номатлуб далерона сухан гӯем ва гумроҳшудагонро ба роҳи рост ҳидоят кунем. Тавре Пешвои миллат иброз намуданд: **«Вақти он расидааст, ки мо бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлубу хатарнок, аз ҷумла ифротгароиву терроризм, сарҷамъона муборизе барем ва дар кишвар волоияти қонунро таъмин намоем».**

Кирдори носавоби ҷавонони тоҷик дар мамолики дигар боиси бадномии миллати соҳибтамаддуни тоҷик гардид. Мо - насли калонсол аз рух додани чунин вазъ набояд бепарво бошем. Байни ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳиро хубтар ба роҳ монем. Пеш аз рафтанашон ба муҳоҷирати меҳнатӣ гаштаву баргашта ба онҳо панду андарз гӯем. Бояд ҷавонон дониданд, ки сафар ба кишварҳои бегона танҳо бо мақсади таъмини рӯзгори хонаводаи онҳост, аммо афсӯс, ки ҷавонони содаву дунёнадида дар ғурбат ба доми фиребгаронро меафтанд ва боиси сарпастии падару модару бадномии миллат мешаванд.

Масъалаи дигар ва хеле муҳим тақлид ба расму оин ва либоси ягона аст. Солҳои охир миёни сокинони кишвар тамоюли бегонапарастӣ ва майлу рағбат ба фарҳанги бегона дида мешавад, ки боиси ташвиш аст. Ҷои таассуф аст, ки тақлиди занон ва духтарон ба либоси бегона кӯр-кӯрона буда, ифодагари беиттилоотӣ ва бехабарӣ аз асли воқеа мебошад. Як гурӯҳи маҳдуди занону духтарон мусалмониро дар пӯшидани либоси сиёҳ медонанд ва бо ин амали хеш фарҳанги миллии моро поймол мекунанд. Магар модарону бонувони мо дар гузашта аз ҳақиқати Ислом огоҳ набуданд? Магар дар он даврон уламои Ислом, ки барои таҳсил то шаҳрҳои бузурги олами Ислом рафта меомаданд, ба онҳо дар бораи либос ҳарф намезаданд?

Баъд аз омӯхтани муҳтавои суханронӣ ҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат бо ҳамкорон ва дар шурӣ ҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пайваста ёдовар мешавам, ки ҳар нафарашон суханронӣ ҳои мазкурро бодиққат мутолиа намоянд ва ҳангоми суҳбат бо сокинони ноҳия ҳамеша истифода баранд.

Бо боварӣ гуфта метавонам, ки ҳар суҳбату суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳаббату эҳтиромӣ ӯро дар дили тамоми сокинони кишвар афзун мегардонад. Ҳар як роҳбар бояд ба Пешвои миллат пайравӣ намояд.

Абдурашид КИШВАРЗОДА,
мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3,
прокурор ва раиси шурои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳияи Рашт

МО ПАСТ НАГАРДЕМУ БАЛАНДӢ ЁБЕМ

Қонун ва иҷро

ШАҲОДАТНОМАИ ТАВАЛЛУД ВА АҚДИ НИКОҲ

Дар гирифтани онҳо набояд беэътиноӣ кард

Мо дар ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ҳаёт ба сар мебарем, бинобар ин, зарур аст, ки ҳуқуқҳои худро хуб донем ва аз онҳо дуруст истифода барем. Яке аз ҳамин гуна ҳуқуқҳо доштани шаҳодатномаи таваллуд (зоднома) ва шаҳодатномаи ақди никоҳ мебошад.

Мутаассифона, имрӯз иддае аз волидайн бинобар беҳавсалагӣ ва надонистани қонун сари вақт ба тифлони навзодашон зоднома намегиранд. Ба хотири равшанӣ андохтан ба ин масъала бо мудири шуъбаи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ноҳияи Варзоб Мунира Ҳакимова ҳамсуҳбат шудем.

- Чаро бархе аз падару модарон барои сари вақт гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ва дигар ҳуҷҷатҳо бепарвоӣ мекунанд?

- Шуъбаи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ноҳияи Варзоб фаъолиятро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ мондааст. Аз рӯи талаботи қонунҳои зикршуда ва дастурҳо ва дастуруламали сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ падару модарон вазифадоранд, ки ба тифли навзоди худ то давраи семоҳагӣ аз макони истиқоматаш ва ё ҷойи таваллуди кӯдак шаҳодатномаи таваллуд гиранд.

Мутаассифона, то ҳол шаҳрвандоне ҳастанд, ки намедонанд, баъд аз таваллуди кӯдак аз кучо бояд барояш шаҳодатномаи таваллуд гиранд. Фаромӯш набояд кард, ки шаҳодатномаи таваллуд дар ҷомоати шаҳрак ва деҳот ба кӯдакони то яксола дода мешавад. Баъд аз яксолагии навзод волидон маҷбур мешаванд ба шуъбаи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ноҳия мурочиат намоянд. Натиҷа ҳамин аст, ки қариб ҳар рӯз корафтодагон ба идораи мо омада, навишта додани шаҳодатномаи таваллуд ё ягон ҳуҷҷати дигарро хоҳиш мекунанд.

Шаҳодатномаи таваллуд ҳуҷҷати асосии ба расмият шинохтани ҳар як шаҳрванд аст, ки дар оянда барои гирифтани шиносномаи миллӣ асос мегардад. Аз ин хотир, кормандони шуъбаи мо ҳангоми навиштани шаҳодатнома ё ягон ҳуҷҷати дигар кӯшиш мекунанд ба хато роҳ надиҳанд. Ному насаб ва санаи таваллуди шаҳрванд бехато дарҷ шавад. Афсӯс, ки ҳолоҳ ҳам ҳолатҳои дар шаҳодатномаи таваллуд ё дигар ҳуҷҷати асосӣ ғалат навиштани ному насаби шаҳрвандон дида мешавад ва ин кор ислоҳи ҷиддӣ мехоҳад.

- Баъд аз қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз қайди ақди никоҳ гузаштани оилаҳои ҷавон ва таъмини кӯдакони навзод бо шаҳодатномаи таваллуд дар кадом ҳолат аст?

- Гузаштан аз қайди ақди никоҳ маъноиташкил намудани оилаи навро дорад. Эътироф бояд кард, ки то қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бештари ҷавонон ва волидони онҳо нисбати он бепарвоӣ зоҳир мекарданд. Баъзеҳо аз қайди ақди никоҳи давлатӣ гузаштанро чандон муҳиму зарурӣ намешумориданду танҳо никоҳи мусулмониро кифоя медонистанд. Масалан, оилаҳои ҷавон баъд аз соҳиби тифли нахустин ва ҳатто, пас аз соҳиби ду-се фарзанд шудан аз пайи бастани ақди никоҳи давлатӣ мешуданд. Мутаассифона, чунин камбудӣ ҳолоҳ ҳам ҷой дорад.

Сокинони ноҳияи Варзоб қонуни мазкурро, ки ҳадаф аз қабули он ҳифзи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад, хуб пазируфтанд. Имрӯз ҷавонон барои барпо намудани оила дар навбати аввал барои огаҳӣ ёфтан аз саломатии якдигар дар асоси моддаҳои 14 ва 15-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ мегузаранд. Баъд аз муайян шудани ташхиси тиббии ҳар ду ҷавон ва ҷой надоштани монеа барои аз қайди ақди никоҳ гузаштан ба шуъбаи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ариза пешниҳод менамоянд. Тавре маълум аст, пеш аз он ки ҷавонон никоҳи мусулмониро қабул намоянд, бояд хати ақди никоҳ дошта бошанд. Сабаби асосии солҳои пеш аз ақди никоҳи давлатӣ нагузаштани қисме аз ҷавонон, аз як тараф, бемасъулиятии падару модарон бошад, аз тарафи дигар, беназоратии мутасаддиёни мақомоти маҳаллӣ буд. Дар ин раванд ҳодисаҳо ба шавҳар додани духтарони ноболиғ ҳам ҷой дошт.

Мо - кормандони шуъбаи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ноҳияи Варзоб барои беҳтар хизмат расонидан ба аҳолӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодаем. Дар нуҳ моҳи сипаришудаи соли 2024 ба 1545 тифл зоднома додем, ки ин нишондод назар ба ҳамин давраи соли гузашта бештар аст. Ҳамчунин, 417 ҷуфт оилаи ҷавонро аз қайди ақди никоҳ гузаронидем. Дар ин давра ба 1461 тифли то семоҳа шаҳодатномаи таваллуд ройгон тақдим гардида, ҳашт ҳолати фарзандхондӣ ва 265 ҳолати муқаррар кардани падарӣ ба қайд гирифта шуд.

- Солҳои пеш аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ ба аҳолӣ фаҳмонидани ҳуқуқу вазифаҳояшон роиҷ буд. Оё вақти он нарасидааст, ки чунин иқдом аз нав ба роҳ монда шавад?

- Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсири мусбати худро ба ҳама соҳа расонид. Кормандони шуъбаи мо якҷоя бо мутахассисони тибби ноҳия, намояндагони комиссияи танзими ҷашну маросим ва ҷамоати деҳот корҳои ташвиқотию тарғиботиро дар самти сари вақт гирифтани шаҳодатномаи таваллуди навзод, бастани ақди никоҳи давлатӣ, мондани номҳои миллӣ ба навзодон, дурусту бехато навиштани ному насаб дар шаҳодатномаи таваллуд ва шаҳодатномаи ақди никоҳи навҷавонон аз нав ба роҳ монданд. Баъд аз якчанд вохӯриву суҳбат дар деҳоти Варзоб-қалъа, Чорбоғ, ба номи Садриддин Айнӣ, Деҳмалик, Зиддӣ, Лучоб, шаҳраки Такоб ва як қатор ташкилоту идораҳо ин иқдом аллакай натиҷа дода истодааст. Ҳамчунин, мо якҷо бо намояндагони гурӯҳҳои корӣ оид ба мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар вохӯрӣ намудем. Мардум моҳияти ин мулоқотро хуб дарк кардаанд ва сармашқи кор қарор додаанд.

Мусоҳиб Муҳаммад ЗОКИР,
«Садои мардум»

НАМОИШИ 12-УМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «КИТОБИ ДУШАНБЕ»

Маросими ифтитоҳи он 22 октябри соли равон дар Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон» доир гашт. Дар намоиш ноширону адибон аз Россия, Чин, Эрон, Туркия, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Ҳиндустон бо беҳтарин китобҳои интишорнамудаи хеш ширкат доштанд.

Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанги ҷумҳурӣ, дар ифтитоҳи чорабинӣ гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба китобу китобхонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Бо назардошти муҳимияти бузурги китоб дар рушди фарҳанг ва тафаккури ҷомеа бо ташаббус ва сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» роҳандозӣ шудааст, ки он дар раванди китобхонии насли наврас, таъмини китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳо бо адабиёти тозанашр такони ҷиддӣ бахшид. Намоиши байналмилалии «Китоби Душанбе» низ аз чорабиниҳои судманд дар ин самт мебошад.

Номбурда аз иқдоми дигари созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба нашр ва ба ҳар оилаи мамлакат ройгон дастрас кардани «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ёдовар шуд.

Иттилоъ доданд, ки дар намоиш 40 ношир беш аз 5000 китоби тозанашрро дар риштаҳои адабиёти бадеӣ, кӯдакон, осори илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва фарҳангу иҷтимоиёт ба алоқамандони китоб пешниҳод намудаанд.

Намоиши байналмилалии «Китоби Душанбе» то 24-уми октябр идома ёфт.

Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»

ХАТЛОН. ИМЗОИ СОЗИШНОМАҲО БА МАБЛАҒИ БЕШ АЗ 200 МИЛЛИОН ДОЛЛАР

17-18-уми октябри соли равон дар маркази маъмурии вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар нахустин Форуми байналмилалии сармоягузории «Хатлонинвест - 2024» баргузор гардид.

Дар ин чорабинии сатҳи баланд раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, муовини Сарвазири мамлакат Усмоналӣ Усмонзода ва беш аз 400 намояндаи корпусҳои дипломатию доираи ваҳолии ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд. Танҳо дар 5 соли охир ҳаҷми маҳсулоти минтақавӣ дар вилоят қариб ду баробар афзуда, ба 36 миллиард сомонӣ расид. Суръати миёнаи афзоиши маҳсулоти умумии минтақа бошад, дар ин давра беш аз 7,5 фоизро ташкил медиҳад.

Феълан вилояти Хатлон бо беш аз 50 кишвар робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ барқарор намуда, ба вилоят аз 30 кишвари хориҷӣ сармоя ҷалб шудааст.

Дар маҷмӯъ, ҳолоҳ 56 фоизи маҳсулоти соҳаи кишоварзии мамлакат, аз ҷумла 62 фоизи ғаллаи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда, 78 фоизи зироати полезӣ, 60 фисад гӯшт, 42 фоиз шир ва 43 дарсади маҳсулоти саноатӣ, ба вилояти Хатлон рост меояд.

Дар корхонаҳои саноатии вилоят истеҳсоли зиёда аз 200 намуд маҳсулоти хӯрокворӣ, сохтмонӣ, нассоҷӣ, кимиёвӣ ба роҳ монда шудааст.

- Дар вилоят иқтидори бузурги амалинашуда барои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ мавҷуд аст. Бо назардошти имконияти зикршуда мо омодагии худро барои муайян намудани унсурҳои калидии ҳамкории дарозмуддат

сеи соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ иштирок намуданд.

Давлаталӣ Саид зимни сухани ифтитоҳӣ изҳор намуд, ки форум барои муколама, баррасӣ ва дарёфти роҳҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманд имкониятҳо мусоид фароҳам оварда, дар тавсеаи муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ҷалби сармоя дар бунёди иқтидорҳои истеҳсолӣ, рушди содироти маҳсулоти хушсифати ватанӣ мусоидат менамояд.

Самти дигари муҳими ҳамкориҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ таъсиси корхонаҳои муштарак барои истеҳсоли маҳсулоти тайёри дорои арзиши баланди иловашуда арзёбӣ гардид, ки талабот ба он дар асоси манфиати мутақобила иброз менамоем, - афзуд Давлаталӣ Саид.

Дар идомаи форум ғолибони озмун барои дарёфти гранти раиси вилояти Хатлон муайян гардида, дар маҷмӯъ, ба 30 соҳибкорзан 500 ҳазор сомонӣ тақдим шуд. Ҳамчунин, дар доираи ин форум намоишгоҳи «Бохтарфуд - 2024» доир шуд, ки дар он дастовардҳои соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯроквории вилоят муаррифӣ ва беш аз 30 созишномаи ҳамкорӣ баста шуд, ки маблағи умумии онҳо зиёда аз 200 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»

ДАРВОЗ ОБОДУ ЗЕБОТАР МЕГАРДАД

Дар ноҳияи Дарвоз созандагию бунёдкорӣ бомаром идома ёфта, бунёди меҳмонхонаи чорошёнаи «Дарвоз-Континентал», майдони «Ромишгарон», гимназияи №1 барои хонандагони болаёқат, бинои комиҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, ҶДММ «Рател-Паста» ва сохтмони даҳҳо муассисаи таълимию тиббӣ ва фарҳангию маишӣ далели гуфтаҳои болоанд.

Феълан дар деҳаи Зеви деҳоти Қалъаихумб дар масоҳати 2,16 га барои сохтмони ҳавзи парвариши моҳӣ замин ҷудо гардида, корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот бомаром идома дорад.

Дар деҳоти Сағирдашт бинои дуошёнаи таваллудхона бо харҷи 1,3 миллион сомонӣ, бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Сағирдашт бо сарфи 2,6 млн. сомонӣ, синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимии деҳаҳои Сафедорон ва Лангар ба маблағи 80 ҳазор сомонӣ, мағозаи тиҷоратӣ дар маркази деҳот ба маблағи 80 ҳазор сомонӣ бо саҳми шарикони рушд, соҳибкорон ва буҷети давлатӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Умуман, дар ноҳия корҳои созандагию бунёдкорӣ дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат вусъат ёфта, роҳбарият ва сокинони ноҳия бо шукргузорӣ аз ин неъмати ноёб баҳри ободии ин минтақаи дурдасти кишвар ҳамаруза заҳмат мекашанд.

М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»

ОБУНА - 2025 ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025 ДАВОМ ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

Сурога: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877;
Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	№ ДИО	Ташкилоти харидор	Мавзуи харид	Усули харид	Навъи харид	Миқдори номгӯй	Санаи анҷоми қабули дархостҳо
1	425685	Қисми ҳарбии 01003-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Мебел, асбобу анҷоми рӯзгор, курсии офис, молҳои канселярӣ ва рӯзгор	Озмуни кушод	Мол	41	11.11.2024 10:00:20
2	425676	Раёсати молиявӣ-иқтисодии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Коркард ва таҳияи низоми иттилоотӣ барои автоматикунонии раванди бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаҳо дар Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Озмуни кушод	Хизматрасонӣ	1	11.11.2024 16:50:00
3	425674	Мактаб-интернати №2 дар шаҳри Душанбе	Хӯрокворӣ	Озмуни кушод	Мол	30	20.11.2024 15:30:00
4	425675	Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон	Битум	Озмуни кушод	Мол	1	20.11.2024 16:00:00
5	425677	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур	Профилҳо ва қубурҳои оҳанин	Озмуни кушод	Мол	4	21.11.2024 08:31:37
6	425681	Муассисаи давлатии таълими томактабии №21-и шаҳри Исфара	Кондитсионер, ноутбук ва мебел	Озмуни кушод	Мол	9	21.11.2024 09:09:09
7	425680	Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе	Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Маркази таҳсилоти иловагӣ»-и МИҲД ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва барқарор кардани дегхона (котельная)-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61	Озмуни кушод	Кор	1	21.11.2024 09:30:00
8	425683	Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе	Асфалти гарми майдадона	Озмуни кушод	Мол	1	21.11.2024 09:50:00
9	425678	Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Иҷрои корҳо оид ба равшан кардани фасади берунии бинои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Озмуни кушод	Кор	1	21.11.2024 10:00:00
10	425682	Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд	Маводи доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ	Озмуни кушод	Мол	93	21.11.2024 10:10:10
11	425687	Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Нон (батон)	Озмуни кушод	Мол	1	21.11.2024 10:45:00
12	425689	Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Бензин	Озмуни кушод	Мол	1	21.11.2024 11:10:00
13	425690	Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Хӯроки хушк барои саг	Озмуни кушод	Мол	1	21.11.2024 11:10:00
14	425691	Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ	Асфалти гарми майдадона	Озмуни кушод	Мол	1	21.11.2024 11:15:00
15	425692	Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»	Доруворӣ	Озмуни кушод	Мол	10	21.11.2024 11:20:00
16	425693	Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ	Мебел барои толори маҷлисгоҳ	Озмуни кушод	Мол	4	21.11.2024 13:30:25
17	425694	Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе»	Сервери назоратӣ ва барномаҳо	Озмуни кушод	Мол	4	21.11.2024 14:20:00
18	425695	Беморхонаи марказии шаҳри Вахдат	Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва матрас	Озмуни кушод	Мол	31	21.11.2024 15:00:05

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал мурочиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

Суроғ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

РАВШАНИИ ЧАШМОНИ ШУМО!

Кӯдакатонро камбиноӣ азият медиҳад ё синну солатон гузаштаву хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?

«Флавигран очанка» барои беморихои гуногуни чашм, аз ҷумла шамолхӯрдагӣ, катаракта, глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна муфид буда, барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рағҳои хунгарди чашм мусоидат мекунад.

Таркиби дору: муруди ҷангалӣ, зайтун, хуч, марчумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. Истеҳсол - Федератсияи Россия.

Тарзи истеъмол: 1 қошуқча аз дору гирифта, дар 100 мг об омехта карда, рӯзе 3 маротиба муддати як моҳ нӯшед. Баъд аз 6 моҳ дубора ин табобатро гирифтан мумкин аст.

АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВED.

Телефон барои тамос: +992 000 400071

КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

барои ишғоли мансаби холии зерини маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

1. Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсус – 1 ҷой.

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯи ихтисос;
- донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кор бо компютер, донистан ва риоя намудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад:
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1728,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);
- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия оид ба вазъи молумулкӣ ва маълумот дар бораи супоридани эъломия оид ба андоз аз даромад;
- нусхаи шиноснома;
- хислатнома аз ҷои кори қаблӣ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба надоштани таъқиби ҷиноятӣ (доғи судӣ, суд шудан, рад ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома (объективка);
- парванда (лифофа – 1 адад).

Озмун аз се марҳила иборат аст:

- марҳилаи якум – омӯзиши ҳуҷҷатҳои довталабон;
- марҳилаи дуюм – гирифтани кори хаттӣ;
- марҳилаи сеюм – саволу ҷавоб бо ҳар як довталаб.

Шахсоне, ки аз марҳилаҳои якум ва дуюм намегузаранд, ба марҳилаи сеюми озмун даъват карда намешаванд ва ҳуҷҷатҳояшон баргардонида мешавад.

Ҳуҷҷатҳо аз тарафи шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсуси кумита дар муҳлати 21 рӯз, баъди чопи эълон, қабул карда мешаванд.

Суроғ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 (бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм», ошёнаи сеюм), индекс: 734013, телефон/факс: 227-59-28, 227-59-38, 227-78-29, почтаи электронӣ: *info@kumitaizabon.tj*, сомона: www. kumitaizabon.tj

ТАНАКСОЛ - БАРОИ ИХРОҲШАВИИ ЛЯМБЛИЙ

Мол дорои сертификат аст

Ширкати илмию истеҳсолии Россия воситаи нодиреро бо номи ТАНАКСОЛ коркард намудааст, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда, ҳангоми бемориҳои паразитиву сироятии ЛЯМБЛИОЗ, АМЁБИОЗ, АСКАРИДОЗ, ЭНТЕРОБИОЗ ва беморие ЧИГАР истифода бурда мешавад.

Тарзи истифодабарӣ: кӯдакони аз 1-сола 1/б қошуқча, аз 2 то 7-сола 1/3 қошуқча, аз 7 то 12-сола 2/3 қошуқча, аз 12-сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. Давомнокӣ: аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз.

АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!

ЭЪЛОН!

ҶДММ «Тоҷикистони осмонбӯс» (РМА 040045025, РЯМ 0410024799), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20 декабри соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифтааст, сармояи оинномавиашро аз 23 миллиону 299 ҳазор сомонӣ ба андозаи 22 миллиону 134 ҳазору 50 сомонӣ кам карда, 1 миллиону 164 ҳазору 950 сомонӣ муқаррар менамояд.

***

ҶДММ «Рушди энержии Ҳайтуо» (РЯМ 0210032644, РМА 020058649), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 28 сентябри соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, сармояи оинномавиашро аз 100 (сад) миллион сомонӣ ба 32 миллиону 568 ҳазору 330 сомонӣ кам менамояд.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи нуҳум бо №164903, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ)-и вилояти Хатлон соли 1993 ба Забирова Муродбегим Қурбоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти К. Сардаров, деҳаи Карабалчин (ҳоло ҷамоати деҳоти Эсанбой, деҳаи Қалъа) соли 1990 ба Акмирзоев Хидир Карабаевич (РМА 125702015) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДМК №0012472, ки онро Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе соли 2004, таҳти қайди №317, бо ихтисоси «Кори момодоягӣ» ба Сайфуллоева Зулфинисо Қурбоналиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, хонаи 40, ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, хонаи 40, ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, хонаи 40, ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, хонаи 42 ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, хонаи 42, ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, хонаи 42, ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бино, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, ошёнаи 1, барои кошонаи ҳусни «Шаҳнура» ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши бино, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, ошёнаи 1, барои кошонаи ҳусни «Шаҳнура» ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, бинои 74/4, ошёнаи 1, барои кошонаи ҳусни «Шаҳнура» ба Маҳинаи Абдумуталиб Замонзода додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини №0354838, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи ноҳияи Варзоб, деҳоти Чорбоғ, деҳаи Тайқара барои истифодаи меросии якумра ба Давлатов Алиҷон Азизбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ивази хона ба хона, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 30 июни соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Испечак 1, М 6, бинои 6, хонаи 1, ба Бозичаева Ашрафмо додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶСП «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотӣ ва машваратии лоиҳакашию сохтмон» (РМА 010100754, РЯМ 0110024732) эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши қисми квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 30 декабри соли 2022 таҳти феҳрасти 1Ш-4713 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 11/1, хонаи 24, (бо масоҳати 55,6 м^2) ба Бадалов Раҷабалӣ Иброҳимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши қисми квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 30 декабри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 11/1, хонаи 24 (ба масоҳати 44 м^2), ба Бадалов Раҷабалӣ Иброҳимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 29, хонаи 26, ба Савлатова Шарора Саидовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 марти соли 2013, таҳти феҳрасти №8Ш-1175 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 29, хонаи 26, ба Савлатова Шарора Саидовна додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Пойтахт тиҷорат» (РЯМ 0210026933, РМА 020051645), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 15 апрели соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифтааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи М. Гвардия, бинои 155, хонаи 2, ба Саидова Қурбонгул Ҳасановна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсус бо РЯМ 0930193303-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Ашуров Бобочон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Варзоб ба Ҳаитов Сунатулло Негматуллоевич (РМА 155280508) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Нигматов Қиёмиддин Шарифович (РМА 025684483) додааст, эътибор надорад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Филиали ширкати «СЛН ИТХАЛАТ ИХРАКАТ ДИШ ТИКАРЕТ АНОНИМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (РМА 040055045, РЯМ 0420000781), ки онро 4 феврали соли 2019 Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Сохтмон энерҷӣ» (РМА 040053351), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 3 январи соли 2018 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва суроришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

Ба чопаш 1 ноябри соли 2024, соати 11:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33065 нусха

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ф. Файзалиева

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97